# ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертатсия Холов Тоҷиддин Азизулоевич – “Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа” (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ  аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2030 дар миёни тадбирҳои асосӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии гузошта шуда, дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат масаълаи «ташаккулдиҳии низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори он барои парвариши зироатҳои боарзиши кишоварзӣ ва таъмини фаъолияти устувори системаи нигоҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори кишоварзӣ обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ» мавқеи муҳимро ишғол намудааст. Амалинамудани ин тадбирҳо бечунучаро сармоягузориҳои азимро тақозо менамояд. Дар ин ҷода ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва ҳалли вазифаи ҷалби сармоя ба соҳаҳои кишоварзии обёришавандаи минтақа, бахусус вилояти Хатлон, ки қариб нисфи маҳсулоти умумии кишоварзии мамлакатро истеҳсол мешавад бо маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, инфрасохтории рушди он алоқамандии зич дорад. Бинобар он  омӯзиш ва таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ, арзёбии муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва хусусияти он дар соҳаи кишоварзии обёришаванда, ва дар ин поя муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳияву амалӣ гардонидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар заминҳои обёришаванда, ки дороии муҳим ва фаъоли соҳаи кишоварзӣ мебошад, мавзӯи муҳиму мубрам дар марҳалаи нави рушди мамлакат маҳсуб мешавад.

Мутолиаи автореферат ба хулосае овард, ки унвонҷӯй дар раванди ҳалии илмии масаълаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришапвандаи минтақа, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дарҷодаи такмили роҳҳо ва методҳои баланд бардоштани самаранокии самрмоягузорӣ рӯи кор омадааст. Вобаста ба мавзӯи татқиқот унвонҷуй назарияҳои муосири сармоягузориро ба соҳаҳои аграрӣ зери таҳлили назариявӣ қарордода хусусиятҳои сармоягузориро дар кишоварзии обёришавад, ки бо омилҳои табииву экологӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ вобастагӣ дораду таҳлили систмавиро тақозо менамояд, муайяннамудааст. Дар ин ҷода худи муаллиф қайднамудааст, ки «таҳқиқоти сармоягузорӣ талаб менамояд, ки таҳлили асосҳои назариявӣ ва механизми татбиқи фаъолияти он ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисодибозорӣ, муайян намудани хусусияту равандҳои он дар шароити иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ ба эътибор гирифта шавад, зеро сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда дар рушди иқтисодиёт нақши асосиро мебозад» (с.8)

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоди ва

Ватанию хориҷиро дар соҳиназария сармоягузорӣ ва комбинатсияи самараноки он бо дигар захираҳои инвеститсионӣ, ки дар соҳаи зироаткории обёришаванда мавҷуд аст эҷод корона истифодабурда аст. Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодиитаҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: тахайюлоти (абстраксияи) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ваҷадвалии маводҳои. Масалан, муаллиф дар асоси методи дисконт 9 лоиҳаҳои сармоягузориро, ки барои беҳтарнамудани сатҳи обёрии заминҳои кишоварзиро равона шудааст, арзёбӣ намуда барои интихоби лоиҳаҳои самараноки сармоягузорон пешниҳод намудааст. Ҳамзамон дар таҳқиқот барои дурнамосозии нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Хатлон усулҳои эконометрикӣ, махсусан моделҳои қаторҳои вақтӣ истифода шудааст(с.17-18).

Албатта, татқиқоти диссертатсионӣ комилан дар автореферат дарҷ намеёбад, бинобар он дар мавриди мутолиаи автореферат эроду пешниҳодро ба миён меорад. Масалан, ба назари мо: а) мутобиқ ба мавзӯи татқиқот манбаҳои сармоягузорӣ ва тамоюлу тағироти сохторӣ (ҳиссаи ҳар як манбаъ дар умум) ва динамикаи онҳо бояд таҳлили васеъ мешуд; б)таҳлили индикаторҳои муҳити сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришаванда, низ дар автореферат дарҷ наёфтаннд.

Аммо ин эроду дархостҳо, сатҳи назариявию амалии татқиқоти диссертатсионии Холов Тоҷиддин Азизулоевичро коҳиш намедиҳад. Дар кулл мазмуни авторефррат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия татқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияту муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад. Бинобар он кори диссертатсионии муаллиф дар "Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа" (дар мисоли вилояти Хатлон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқ буда муаллиф сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Доктори илмҳои**
**иқтисодӣ, профессор**
**муовини директори**
**Институти иқтисодиёт**
**ва демография АМИТ,** **Мирсаидов А.Б.**

Институти иқтисодиёт ва демография 734024 ш.. Душанбе, х. Айни, 44. Тел. (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221-57-65, e-mail: eco_institute@rambler.ru

Имзои Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Қурбонов Э.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ